# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

БАРНОМАИ
ТАЪЛИМИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ АЛИФБО ВА МАТНИ НИЁГОН

Душанбе – 2023

Бо қарори Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф № 11/34 , аз 30.11.2023 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон: [С.Самадӣ] -** ходими калони илмӣ, омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ- гуманитарии ДҶТИБКСМ.
**Б.Неъматова -** омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ- гуманитарии ДҶТИБКСМ.

**Муҳаррир: Ёрмуҳаммадзода Ш. (н.и.ф.) -м**уовини ректор оид ба корҳои таълимию методии ДҶТИБКСМ

**Муқарризон:** Байзоев Азим – номзади илми филология, сармутахассиси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Б.Ҳайдаров- мутахассиси МҶТМ

Барномаи таълимии мазкур дар асоси стандарти фанни «Алифбо ва матни ниёгон» таҳия гардидааст. Он бо мақсади самаранок ва босифат ба роҳ мондани ҷараёни таълим, алоқамандии пайвастаи машғулиятҳоро бо барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд.

Дар барнома оид ба навгониҳо, роҳҳои мувофиқи истифодабарии усули фаъоли муосири таълим, технологияи инноватсионӣ, эҷодкории хонандагон дар замони муосир, истифодаи тестҳо дар ҷараёни таълим ва корҳои инфиродӣ дар муносибати босалоҳият ба таълим аҳамияти махсус дода шудааст. Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни “Алифбо ва матни ниёгон” тавсия мегардад.

# ПЕШГУФТОР

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур тоқозо омӯзорону хонандагон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, масъулият – шиносӣ ва созандагию бунёдкориро соҳиб бошанд. Шунавандагони курсҳои такмили ихтисос дар ҷараёни таълим аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, асноди меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва амсоли инҳо маълумот мегиранд. Онҳо дар рафти курс доир ба воситаҳои нави иттилоотӣ огоҳ шуда, роҳҳои истифода намудани онҳоро меомӯзанд.

Барномаи таълими курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ва сархатти 6, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, № 145, Стандарти фанни Алифбо ва матни ниёгон барои синфи 7-8, Барномаи таълими фанни Алифбо ва матни ниёгон барои синфҳои 7-8 мураттаб гардидааст.

Мақсад аз доир намудани курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни «Алифбо ва матни ниёгон» омӯзиши дурусти хат, имлои ҳарф ва матни классикӣ, бе мамониат мутолиа намудан ва дар вақти зарурат беғалат навиштани мероси гаронбаҳои адибон ва мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик мебошад. Инчунин матнҳои илмӣ ва оммавиро хонда тавонанд ба маънии маводи мутолиашуда сарфаҳм раванд ва онро нақл карда тавонанд. Барномаи мазкур ба муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шуда, аҳамияти ҷудогона дорад.

Барномаи таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дар ҳаҷми 54 соат (22 соат –назариявӣ, 32 соат – амалӣ) таҳия шудааст.

Дар барнома омӯзгорон бо вазифа ва мазмуни курс, роҳу усул ва шаклҳои гуногуни ташкили машғулиятҳо аз фанни «Алифбо ва матни ниёгон», зинаҳои гуногуни омӯзиши ин фан, робитаи фанни мазкур бо дигар фанҳои таълимӣ, ҳалли

масъалаҳои фарҳангӣ ва тарбияи экологӣ, ҳаёт ва фаъолияти адибони барҷастаи классикиву муосир ва мероси илмиву адабии онҳо, омӯзиши ҳарфҳои мунфасилаву муттасила, таълими овозу аломатҳои ҳамза ва вазифаҳои он, имлои баъзе калимаҳои арабӣ, калимаҳои мураккаб, пешванду пасвандҳо, омӯзиши тақвимҳо, маълумот дар бораи ҷашнҳои миллӣ ва амсоли инҳо ошно мегарданд. Инчунин, ба масъалаҳои ташаккули касбӣ, маҳорати педагогӣ ва фаъолияти омӯзгор диққат дода шудааст.

Дар таҳияи барнома бештар методҳои интерактивӣ ҳамчун замина ба эътибор гирифта шудаанд, ки онҳо истифодаи роҳу усули гуногуни таълим, минҷумла усули фаъолро тақозо менамоянд. Зеро азхудкунии тарзу усули гуногуни таълим ва муқоисаи онҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки барои баланд бардоштани маънавиёти хонандагон роҳҳои зиёдеро интихоб кунад, то тавассути онҳо савияи дониши шогирдонро ба андозаи имкон мукаммал ва афзун созад.

Дар рӯйхати адабиёти тавсияшуда номгӯйи марбут ба мақсаду маром ва масъалаҳои таълими фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дахлдошта пешниҳод мешаванд.

**1.Мақсади таълим-** мақсадҳои мушаххаси таълимие, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд.

**2.Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд.

**3.Фаъолияти таълим** – аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**4.Вақт** – ченаки эҳтимолие, ки барои ноил шудан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод мегардад.

## Талаботи барнома:

Шунавандагони курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дар анҷоми курс салоҳиятҳои зеринро ташаккул дода метавонанд:

- дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи фанни «Алифбо ва матни ниёгон», китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ – нақшаҳои тақвимӣ ва дарсӣ таҳия менамоянд;
- навгониҳои дар соҳаи педагогика ва психология омӯхтаашонро дар амал татбиқ менамоянд;
- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими мавзуъҳои Алифбо ва матни ниёгон, мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълимии муносибати босалоҳият ба таълим нигаронида шуда, ба роҳ монда метавонанд;
- ҳангоми интихоби мавзуъҳо, арзишҳои ахлоқӣ, маърифатӣ, завқӣ, эстетикиро ба назар мегиранд;

азхудкунии барнома тавассути санҷиши тестӣ ба воситаи компютер арзёбӣ карда мешавад.

**Пас аз хатми курс шунаванда бояд:**

- матнҳои илмӣ ва илмию оммавиро хонда, ба маънии маводи мутолиашуда сарфаҳм равад ва онро нақл намоянд;
- асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;
- истифодаи технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши фанни «Алифбо ва матни ниёгон»;
- моҳият, хусусиятҳо ва усулҳои таҳқиқоти илмиро донад.

**Ба салоҳиятҳои зерин бояд ноил гардад:**

- фаъолияти касбии хешро бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ таҳлил карда тавонад;
- аз уҳдаи гузаронидани мониторинги сифати дониши хонандагон барояд;
- фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳангоми кор бо «Технологияи информатсионӣ-комуникатсионӣ» ба роҳ монда тавонад;

- барномаҳои таълимии иловагии фанни «Алифбо ва матни ниёгон» ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб дода, арзёбӣ намояд;
- саволномаҳои аттестатсияи ҷамъбастӣ (рейтинг, санҷиш,имтиҳон), озмунҳо ва викторинаро мустақилона тартиб дода, омода сохта тавонад;
- маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикии оид ба таълими фанни «Алифбо ва матни ниёгон» бударо бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;
- дар асоси донишҳои назариявӣ тадқиқот гузаронида тавонад.

**Малакаи зеринро бояд дошта бошад:**

- технологияи муосири педагогии таълими фанни «Алифбо ва матни ниёгон»;
- истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбӣ;
- методологияи тарҳи истифодаи ТИК.

**Нақшаи**
**таълими курси такмили ихтисоси омӯзгорони**
**фанни «Алифбо ва матни ниёгон»**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ** | **Назариявӣ** | **Амалӣ** |
| 1 | Тахассус, методикаи таълими фан | 54 | 22 | 32 |
| 2 | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 3 | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4 | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5 | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6 | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7 | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| **Ҳамагӣ** | | **72** | **30** | **42** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни**
**«Алифбо ва матни ниёгон»**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **I.** | **Тахассус, методикаи таълими фан** | **54** | **22** | **32** |
| 1 | Фанни «Алифбо ва матни ниёгон». Таҳлили илмӣ-методии мазмун ва сохтори китобҳои дарсӣ | 2 | 2 | - |
| 2 | Истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дар таълими фан. Тарзи санҷиши дониш бо усули тестӣ | 2 | 1 | 1 |
| 3 | Тадриси дарсҳои «Алифбо ва матни ниёгон» бо муносибати босалоҳият ба таълим ва банақшагирии онҳо. Мақсадгузорӣ дар асоси салоҳиятҳо | 2 | 1 | 1 |
| 4 | Арзёбии ташаккулдиҳанда ва роҳҳои истифодаи он дар раванди дарсҳо | 2 | 1 | 1 |
| 5 | Методикаи омӯзиши фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дар синфи 7 | 4 | 2 | 2 |
| 6 | Методикаи омӯзиши фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дар синфи 8 | 4 | 1 | 3 |
| 7 | Матнҳо. Талабот ба матнҳо. Навъҳои хат ва хаттотӣ | 4 | 2 | 2 |
| 8 | Давраи алифбо. Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои мунфасила | 2 | 1 | 1 |
| 9 | Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои син (س), шин(ش), лом (ل) ва мим (م) нун (ن) ва йо | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | (ی) | | | |
| 10 | Тарзҳои омӯзиши ҳарфҳои ҳо-и ҳавваз (ه), ҷим (ج), че (چ), хе (خ) ва вови маъдула (و) | 4 | 1 | 3 |
| 11 | Роҳҳои омӯхтани ҳарфҳои коф (ک), гоф (گ), фе (ف) ва қоф (ق) | 4 | 1 | 3 |
| 12 | Маълумоти умумӣ дар бораи ҳарфҳои хоси забони арабӣ | 4 | 1 | 3 |
| 13 | Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои айн (ع), ғайн (غ), ҳе-и ҳуттӣ (ح), се-и мусаллас (ث) ва зол (ذ) | 2 | 1 | 1 |
| 14 | Омӯзиши аломатҳои ҳамза(ء), ташдид (ّ), танвин(ً) ва сокин (ْ) | 2 | 1 | 1 |
| 15 | Тарзҳои омӯзиши имлои бандакҳо. Таълими тарзи навишт ва хондани шумораҳо (ададҳо) | 2 | 1 | 1 |
| 16 | Роҳҳои омӯзиши тақвимҳо: Ҳиҷрӣ, Шамсӣ, Қамарӣ, Яздигурдӣ ва Мелодӣ | 6 | 2 | 4 |
| 17 | Усулҳои омӯзиши осори назмии адибони барҷастаи классикии форсу тоҷик. Маълумот дар бораи захираи дастнависҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 4 | 1 | 3 |
| 18 | Роҳу усули омӯзиши «Пос доштани Забони давлатӣ дар осори бузургони тоҷик» | 2 | 1 | 1 |
| **II.** | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | | | |
| 1 | Роҳу усули омӯзиши фарқият ва ҳамсонии «Алифбо ва матни ниёгон» бо «Алифбои тоҷикӣ». | 2 | 1 | 1 |
| 2 | Хониши бадеӣ. Таҳлили матн, мазмун ва маънои он | **2** | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3 | Ҷашнҳои миллӣ, Таҳлили арҷгузории ҷашнҳои миллӣ дар даврони Истиқлолият, ташаккули салоҳиятҳои тарбиявӣ. | 4 | 2 | 2 |
| 4 | Проблемагузорӣ дар дарс. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим (УФТ) дар омӯзиши фан | 2 | 1 | 1 |
| 5 | Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ (базавӣ) | 6 | | 6 |
| 6 | Роҳу усули омӯзиши пешгирии ифротгарой (Экстремизм) дар ҷомеа | 4 | 1 | 3 |
| 7 | Методикаи омӯзиши мавзуи “Тарбияи насли наврас ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ”, муҳаббати Ватан ҳамчун меросӣ барҷоймондаи бузургони тоҷик | 4 | 1 | 3 |
| 8. | Тафаккури интиқодӣ ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ | 2 | 1 | 1 |
| 9 | Таълими омехта ва моҳияти он | 2 | 2 | |
| **Ҳамагӣ** | | **28** | **10** | **18** |

## II. ТАХАССУС. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ «АЛИФБО ВА МАТНИ НИЁГОН» (54 СОАТ)

**Мавзуи 1. Фанни «Алифбо ва матни ниёгон». Таҳлили илмӣ-методии мазмун ва сохтори китобҳои дарсӣ.** Таҳлили ҷабҳаҳои илмӣ – методии барномаҳои таълимӣ. Мақсад ва вазифаҳои таълими фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дар муассиса тибқи талаботи аснодӣ, ҳуқуқӣ, Стандарти давлатии таҳсилот ва дархости замон. Муҳимтарин хусусиятҳои алифбои ниёгон (аз тарафи рост ба тарафи чап навиштани ҳарфҳо; шаклҳои калону хурд надоштан, вале пурраву нопурра доштан; дар мобайни калимаҳо наомадани

садонокҳои кӯтоҳи **а, и, у** ва ба ҷойи онҳо истифода шудани аломатҳои махсус – ҳаракатҳо (фатҳа ё забар; зер ё касра; пеш ё замма); ҳисса (ҳиҷо)-и калима аз як сатр ба сатри дигар кӯчонида намешавад ва ғ.). Муҳокимаи нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Тарзи таҳлили мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ. Сохтори китобҳои дарсӣ. Мундариҷаи китобҳои дарсӣ. Мувофиқати китобҳои дарсӣ бо барномаи таълимӣ ва Стандарти давлатии таҳсилот. Баёни мавзуъҳо дар китобҳои дарсӣ. Баназаргирии хусусиятҳои синнусолии хонандагон дар барнома ва китобҳои дарсии синфҳои алоҳида. Ба хонандагон дастрас будани мазмуни маводи китобҳои дарсӣ, таҳлили моҳияти таълимию методии китоби дарсӣ, таҳлили маводи аёнии китобҳои дарсӣ, риояи робитаи дохилифаннӣ ва байнифаннӣ дар китобҳои дарсӣ. Мафҳумҳои асосии истифодашуда дар китобҳои дарсӣ. Методикаи ташаккули мафҳумҳои асосӣ. Ороиши китобҳои дарсӣ. Таҷрибаҳо, намоишҳо ва номгӯи корҳои мустақилона. Мавҷудияти адабиёти методӣ роҷеъ ба тарзи таълими фанни «Алифбо ва матни ниёгон».

**Мавзуи 2**. **Истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дар таълими фан**. **Тарзи санҷиши дониш бо усули тестӣ.** Истифодаи маводи дар матбуоти педагогии ҷумҳурӣ чопшуда (китобҳо, дастурҳои илмиву методӣ ва оммавӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ, бачагона ва ҳ.). Истифодаи воситаҳои таълимии техникии муосир (вобаста ба шароити маҳал). Истифодаи компютер дар машғулиятҳо. Моҳияти омӯзиши компютер ва барномаҳои он. Талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба омӯзиш ва истифодаи компютер. Аҳамияти Internet ва почтаи электронӣ дар ҳаёти рӯзмарра.

Роҳу усулҳои анъанавии назорати шифоҳӣ ва хаттии таълим дар тадриси фанни «Алифбо ва матни ниёгон». Афзалиятҳо ва норасоиҳои онҳо. Раванди идоракунии имтиҳони мутамарказ, расонидани иттилоот ва омодасозии муассисаҳо барои татбиқи низоми нави баҳодиҳӣ ба дониши хонандагон. Зарурати ба миён омадани ташкили системаи боэътимоди баҳодиҳӣ ба дониши хонандагон, баланд бардоштани сифати таълим, таъмини

дастрасии баробар ба таҳсилоти олии касбӣ ҷорӣ намудани санҷиши тестӣ. Усули тартиб додани тестҳо. Тарзи гузаронидани имтиҳон ва ё санҷиш бо усули тестӣ. Натиҷагирии тест ва ё мониторинг. Тарзи омӯзиши хонандагон бо усули пуркунии варақаи тестӣ. Бартарияти назорати дониши хонандагон бо методи тестӣ.

**Дарси амалӣ.** Нақл ва баёни шунавандагон роҷеъ ба истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дар таълими фанни «Алифбо ва матни ниёгон». Тарз ва усулҳои истифодабарии воситаҳои таълимии техникӣ, минҷумла компютер дар дарсҳои «Алифбо ва матни ниёгон». Роҳҳои ташкил ва гузаронидани натиҷагирии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ. Усулҳои тартиб додани тестҳо ва истифодабарии онҳо дар дарсҳо. Афзалият ва норасоиҳои истифодабарии тестҳо дар дарсҳои «Алифбо ва матни ниёгон». Ба саволҳои тестии дахлдор ҷавоб гардонидан.

**Мавзуи 3**. **Тадриси дарсҳои «Алифбо ва матни ниёгон» бо муносибати босалоҳият ба таълим ва банақшагирии онҳо. Мақсадгузорӣ дар асоси салоҳиятҳо.** Салоҳиятҳои “Алифбо ва матни ниёгон”(навиштан, хондан, шунидан ва навиштан, баргардон кардани матн, омӯзиши луғат). Аҳамияти гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим. Сабабҳои ворид намудани тағйирот ба низоми нави таҳсилот. Муносибати босалоҳият ба таълим: моҳият, дастовард ва норасоиҳо. Хусусиятҳои фарққунанда дар муносибати босалоҳият ба таълим. Фарқияти низоми ба дониш асосёфта дар муносибати босалоҳият ба таълим. Тарзи суратгирии таълим. Таълими хонандамеҳвар ё таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст дар дарсҳои «Алифбо ва матни ниёгон». Минтақаҳои актуалӣ ва наздиктарини инкишоф. Назарияи гуногунии зеҳн. Таксономияи қобилятҳои маърифатӣ ва муносибати босалоҳият ба таълим. Сохтори стандарти фанни «Алифбо ва матни ниёгон» ва нақшаҳои тақвимӣ - мавзуии фанни номбурда. Кор бо стандарт, китобҳои дарсӣ ва замимаҳо. Баъзе масъалаҳои ташкили раванди таълим мувофиқи стандартҳои нав. Супориши вазифаи хонагӣ мутобиқи муносибати босалоҳият

ба таълим. Нақшаи маҷлиси падару модарон аз рӯйи низоми таълими нав.

Мақсадгузорӣ дар таълим яке аз асоситарин фаъолиятҳои иштирокчиёни раванди омӯзиш мебошад. Он бояд дар заминаи проблемаҳое, ки фаъолияти хонандагон барои ҳалли онҳо равона шудааст, таҳия карда шавад, зеро муносибати босалоҳият ба таълим дар асоси проблемагузорӣ ҳадафнок мебошад.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба муносибати босалоҳият ба таълим ва тарзи банақшагирии дарсҳо. Маънидод намудани сабабҳои ворид намудани тағйирот ба низоми таҳсилот. Роҳбаладии омӯзгор дар дарсҳои «Алифбо ва матни ниёгон» ҳангоми гузаштан ба муносибати босалоҳият ба таълим. Ба 5 салоҳияти алифбо ва матни ниёгон ( навиштан, хондан, шунидан ва навиштан, баргардон кардани матн, омӯзиши луғат) такя карда, намунаи яксоатаи дарс омода намоянд.

**Мавзуи 4. Арзёбии ташаккулдиҳанда ва роҳҳои истифодаи он дар раванди дарсҳо.** Маълумоти умумӣ дар бораи технология ва методҳои умумии таълим дар муносибати босалоҳият ба таълим. Технологияи таълими хонандамеҳвар дар дарси «Алифбо ва матни ниёгон». Таълими лоиҳавӣ дар дарсҳо. Технологияи таълими интерактивӣ. Роҳу усули машғулиятҳои дунафарӣ ва гурӯҳӣ дар дарсҳои «Алифбо ва матни ниёгон». Тарзи гузаронидани лаҳзаҳои дамгирӣ дар дарсҳои номбурда. Истифодаи методҳои таълими фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дар муносибати босалоҳият ба таълим . Маълумот дар бораи арзёбӣ. Мақсадҳои арзёбӣ. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим. Усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда. Усул ва воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ. Арзёбии салоҳиятнокии фанни «Алифбо ва матни ниёгон» .

**Дарси амалӣ .** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба методҳои таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ. Роҳу усулҳои ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ

таълим додани методҳои ҳозиразамон. Шарҳу маънидод намудани усулҳои гуногун ва истифодаи дурусти онҳо дар дарс. Мақсад ва вазифаҳои арзёбӣ дар таълими фанни «Алифбо ва матни ниёгон». Андешаҳо роҷеъ ба арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ (аз таҷриба). Гузаронидани дарси яксоата аз таҷриба ва истифодаи воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда.

**Мавзуи 5. Методикаи омӯзиши фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дар синфи 7.** Тарзи таълими фан дар синфи 7. Муҳимтарин хусусиятҳои алифбо. Роҳу усулҳои омӯзиши алифбои арабиасоси тоҷикӣ, амсоли «алиф», «бе», «пе», «те», «се», «нун», «йо», «син», «шин», «лом», «коф», «гоф», «ҳе-и ҳавваз», «ҳе-и ҳуттӣ», «ҷим», «че», «сод», «зод», «то», «зо», «вов», «айн»ва «ғайн».

Номбар намудани ҳарфҳои мунфасила (ا، د، ذ، ر، ز، ژ، و) ва муттасила (бе (ب), пе (پ), те (ت), йо ( ی), нун (ن), син (س), шин (ش ), лом (ل), мим (م),ҷим ( ج), че (چ), хе (خ), коф (ک), гоф (گ), фе (ف), қоф (ق) ва ҳоказо). Роҳҳои пурсиши лаҳзаҳои дарсҳо, минҷумла ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии баёни мавзуи нав ва вазифаи хонагӣ. Аҳамияти истифодаи тарзҳои интерактивӣ. Роҳу усулҳои мустаҳкамкунии мавзуи нав. Арзёбии ҷамъбастии сатҳи дониш ва салоҳиятҳо. Шарҳи матнҳо барои хониши иловагӣ.

Қоидаҳои имло (имлои бандаки изофӣ пас аз садонокҳо ва ҳамсадоҳо, аломати ҳамза ва имлои он, имлои шумора, бандакҳои феълӣ ва хабарӣ). Аломатҳои фатҳа, танвин, ташдид ва сокин. Имлои калимаҳои мураккаб.

**Дарси амалӣ .** Шарҳу маънидод кардани қоидаҳои имло, минҷумла имлои бандаки изофӣ пас аз садонокҳо ва ҳамсадоҳо. Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои мунфасила ва муттасила. Фаҳмонидани моҳияти омӯзиши аломатҳои фатҳа, танвин, ташдид ва сокин. Бо роҳ ва усулҳои интерактивӣ баён намудани яке аз мавзуъҳо. Тарзи баҳогузорӣ ва супориши вазифаи хонагӣ дар синфи 7 (аз таҷриба).

**Мавзуи 6. Методикаи омӯзиши фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дар синфи 8.** Ифоданок ва беғалат қироат намудани мавзуъҳо, матнҳо ва порчаҳои назмии «Дониш талабу бузургӣ омӯз», «Шукри истиқлоли Ватан», «Кӯчи парастуҳо», «Арзёбии салоҳиятҳо», «Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор», «Забони мо – ҷаҳони мо», «Имлои садонокҳо бар асоси қолабҳои арабӣ», «Имлои пасвандҳо», «Имлои калимаҳои мураккаб ва таркибҳои ихтисоршуда», «Калимасозӣ ва ҷумласозӣ», «Қонуни зиндагӣ ва бахтномаи миллат», «Машқи хушнависӣ», «Ҳуруфи хоси арабӣ ва форсӣ», «Боз ва мурғи хонагӣ», «Солшумории ҳиҷрӣ: ҳиҷрии шамсӣ, қамарӣ» ва ҳоказо. Тарзи навишти ададҳо.

Шиносоӣ бо ҳаёт ва фаъолияти адибони классикии форсу тоҷик. Ифоданок ва беғалат хондани порчаҳои панду насиҳатӣ аз порчаҳои назмӣ ва насрии адибон. Роҳҳои пурсиши дарс. Мутолиа намудани рӯзномаву маҷаллаҳое, ки бо алифбои ниёгон аз нашр мебароянд. Истифодаи усулҳои интерактивӣ ҳангоми гузаштани мавзуъҳои муҳим. Усули мустаҳкамкунии дониши гирифта. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ дар синфи номбурда.

**Дарси амалӣ .** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон роҷеъ ба омӯзиши мавзуи «Методикаи омӯзиши фанни «Алифбо ва матни ниёгон» дар синфи 8». Роҳу усулҳои беғалат ва ифоданок хондани порчаҳои назмиву насрӣ. Истифодаи усулҳои интерактивӣ дар дарсҳо (аз таҷриба). Навиштани имло.

**Мавзуи 7. Матнҳо. Талабот ба матнҳо. Навъҳои хат ва хаттотӣ.** Маълумот дар бораи матн. Аҳамияти омӯзиши матнҳо. Талабот ба матнҳо. Ҳамгироии хониш ва хат дар таълими матнҳо. Савол ва хелҳои он доир ба матн. Таҳлили даҳонӣ ва хаттии матн. Саҳми матнҳо дар тарбияи маънавии хонандагон. Хониши ифоданоки матнҳо.

Маълумоти умумӣ дар бораи навъҳои гуногуни хат – хати сунбул, зулф ва мушаҷҷар (барои зебу зиннат), хати кӯфӣ, таълиқ, насх, настаълиқ, шикаста ва амсоли инҳо (дар навишт ва китобат). Аҳамияти хаттотӣ. Корҳои хаттӣ ва хелҳои он (диктант, нақли хаттӣ, иншо ва ҳ.). Моҳияти корҳои

хаттӣ. Санҷиши савияи дониши шогирдон тавассути корҳои хаттӣ. Баргардонидани як хат ба хати дигар. Аҳамияти азхуд намудани хатҳо.

**Дарси амалӣ .** Фаҳмонидани мафҳуми матн ва аҳамияти омӯзиши он. Дар таълими матн ба ҳисоб гирифтани ҳамгироии хониш ва хат. Ифоданок хондани матн ва даҳониву хаттӣ таҳлил намудани он. Номбар кардани навъҳои гуногуни хат. Аз хати насх ба хати настаълиқ баргардонидани порчаҳои назмӣ ва насрӣ (мувофиқи салоҳдид ва интихоби омӯзгор).

**Мавзуи 8. Давраи алифбо. Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои мунфасила.** Банақшагирии маводи давраи алифбо. Миқдори ҳарфҳои мунфасила (фосиладор, пайвастнашаванда, начаспанда). Шакл, ном ва ифодаи овозии онҳо. Хусусиятҳои хоси ҳарфҳои мунфасила. Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои мунфасила (ا، د، ذ، ر، ز، ژ، و):

– навишти ҳарфҳои мунфасила дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– овозҳои ифодакунандаи ҳарфҳои мунфасила;

– бо иштироки ҳарфҳои мунфасила тартиб додани калимаҳо.

Аз ҳарфҳои номбурда – яковоза будани 5 ҳарф: (د، ذ، ر، ز، ژ). Ҳамшаклии **долу зол**, **ре, зе** ва **же**. Танҳо аз рӯйи нуқтаҳо тафовут доштани онҳо. Сервазифагии ҳарфҳои **алиф** ва **вов**. Машқу тамрини ҳарфҳои мунфасила ва тартиб додани ибораву ҷумлаҳо. Аз порчаҳои назмиву насрӣ ёфтани ҳарфҳои мунфасила ва шарҳу маънидод намудани онҳо.

**Ҳарфҳои муттасила.** Риояи қоидаи пайвастшавии ҳарфҳои ***бе (ب), пе (پ)*** ва ***те (ت).*** Маълумоти умумӣ дар бораи ҳарфҳои муттасила (васлшаванда, пайвастшаванда, часпанда). Ду шакл доштани ҳарфҳои муттасила (пурра ва нопурра). Дар алоҳидагӣ ва охири калима омадани шакли пурра ва дар аввалу мобайн навишта шудани шакли нопурраи ҳарфҳои муттасила. Фарқи ҳарфҳои муттасила аз мунфасила. Риояи қоидаи пайвастшавии ҳарфҳои бе (ب), пе (پ) ва те (ت):

– навишти ҳарфҳои номбурда дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– ифодаи овозҳо;
– тарзи тартиб додани калимаҳо.

**Дарси амалӣ .** Машқу тамрини ҳарфҳои муттасила ва тартиб додани иборaву ҷумлаҳо. Аз порчаҳои назмиву насрӣ ёфтани ҳарфҳои муттасила ва шарҳу маънидод намудани онҳо.

**Мавзуи 9. Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои син (س), шин(ش), лом (ل) ва мим (م) нун (ن) ва йо (ی).** Шеваи навишти шакли пурра ва нопурраи ҳарфҳои мазкур ва ифодаи овозии онҳо. Ҳарфи «с»-ро ифода кардани ҳарфи «син» ва ҳарфи «ш»-ро ифода кардани ҳарфи «шин». Умумият ва тафовути ин ҳарфҳо. Бо дандона ва бе дандона навишта шудани ҳарфҳои «син» ва «шин» вобаста ба навъҳои хат. Дар хатти чопӣ ҳамеша бо дандона навишта шудани ҳарфҳои «син» ва «шин». Баъзан ҳангоми бо даст навиштан, бедандона ишора намудани ин ҳарфҳо. Китобату қироати мисолҳо бо ҳарфҳои зикршуда:

– навишти ҳарфҳои «син» ва «шин» дар аввал, байн ва охири калимаҳо;
– ифодаи овозҳо;
– тарзи тартиб додани калимаҳо.

Мавқеи ҳарфҳои син (س) ва шин (ش) дар анъанаҳои миллӣ (дастархони наврӯзӣ).

Роҳҳои омӯзиши ҳарфҳои лом (ل) ва мим (م). Овози «л»-ро ифода кардани ҳарфи лом (ل) ва ҳамсадои «м»-ро ифода намудани ҳарфи мим (م). Шакли пурраву нопурра доштани онҳо. Тартиб додани калимаву ибора ва ҷумлаҳо бо ҳарфҳои лом (ل) ва мим (م) . Роҳҳои омӯзиши ин ҳарфҳо:

– навишти ин ҳарфҳо дар аввал, байн ва охири калимаҳо;
– ифодаи овозҳо;
– тарзи тартиб додани калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳо.

Тарзи навишти шакли пурра ва нопурраи ҳарфи «йо» (йои таҳтонӣ низ мегӯянд). Ифодаи овозии он. Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфи йо (ی). Сервазифагии ҳарфи йо (ی). Якчанд овозро (й, и, ӣ, я, е (э), ё, ю) ифода кардани ҳарфи йо (ی). Вазифаҳои ҳарфи йо (ی): а) дар аввал, мобайн ва охири калима овози «й»; б) дар мобайн ва охири калима садоноки

«и» (ӣ); в) дар мобайн ва охири калима овози «е»; пас аз овозҳои «о», «у» ва «ӯ» бандаки изофиро ифода кардани ҳарфи йо (ی). Шакли навишти пурра ва нопурраи ҳарфи «нун» ва ифодаи овозии он. Танҳо як ҳарф (н)-ро ифода кардани ҳарфи «нун». Шабоҳат ва тафовути ҳарфи «нун» аз ҳарфҳои муттасилаи зикршуда. Ба ҳам монанд будани шаклҳои нопурраи ҳарфҳои «бе», «пе», «те», «се», «нун» ва танҳо бо ҷой ва миқдори нуқтаҳо фарқ кардани онҳо. Фарқи «нун» (ن) аз ҳарфи «бэ» (ب). Часпанда (муттасила) будани ин ҳарфҳо. Дар ҳолатҳои гуногун навишта шудани ин ҳарфҳо дар сатрҳои дафтар.

– навишти ҳарфҳои йо (ی) ва нун (ن) дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– ифодаи овозҳо;

– тарзи тартиб додани калимаҳо.

**Дарси амалӣ.** Навиштани шакли пурра ва нопурраи ҳарфҳои син (س), шин (ش), лом (ل) ва мим (م). Дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо омадани ин ҳарфҳо. Ифодаи овозии ҳарфҳои номбурда. Шарҳу эзоҳ додани умумият ва тафовути ин ҳарфҳо (аз таҷриба). Навиштани калимаву ибора ва ҷумлаҳо доир ба омӯзиши ҳарфҳои син (س), шин (ش), лом (ل) ва мим (م). - Навиштани тарзи пурра ва нопурраи ҳарфҳои йо (ی) ва нун (ن). Ифодаи овозии онҳо. Сервазифагии ҳарфи йо (ی) ва тарзи навишта шудани он дар аввал, байн ва охири калима. Тафовути ҳарфи нун (ن) аз ҳарфҳои ба ҳам монанд (аз таҷриба). Навиштани калимаву ибора ва ҷумлаҳо доир ба омӯзиши ҳарфҳои йо (ی) ва нун (ن).

**Мавзуи 10. Тарзҳои омӯзиши ҳарфҳои ҳо-и ҳавваз (ه), ҷим (ج), че (چ), хе (خ) ва вови маъдула** (و) **.** Яке аз ҳарфҳои душвори алифбои ниёгон маҳсуб ёфтани ҳарфи ҳо-и ҳавваз (ه). Ҳарфи муттасилаи чоршакла будан ва якчанд овозро ифода кардани он. Вазифаҳои ҳо-и ҳавваз (ه): а) дар аввал, мобайн ва охири калима овози «ҳ»-ро ифода менамояд; б) садоноки кӯтоҳи «а» дар охири калима ҳамеша бо ҳо-и ҳавваз (ه) ифода мегардад; в) дар охири якчанд калима садонокҳои «и» ва «е»

бо ҳо-и ҳавваз (ھ) ифода меёбанд; г) дар охири калима ётбарсари «я» бо ҳарфҳои йо ва ҳо-и ҳавваз навишта мешавад.

– навишти ҳарфи ҳо-и ҳавваз (ھ) дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– ифодаи овозҳо;

– тарзи тартиб тартиб додани калимаву ибора ва ҷумлаҳо.

Усулҳои омӯзиши ҳарфҳои ҷим (ج), че (چ) ва хе (خ). Ҳамсадоҳои «ҷ», «ч» ва «х»-ро ифода кардани ҳарфҳои ҷим (ج), че (چ) ва хе (خ). Калимаю ибора ва ҷумлаҳо бо иштироки ин ҳарфҳо. Вови маъдула (و) ва роҳҳои омӯзиши он. Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои ҷим (ج), че (چ), хе (خ) ва вови маъдула (و):

– навишти ҳарфҳои ҷим (ج), че (چ), хе (خ) ва вови маъдула (و) дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– ифодаи овозҳо;

– тарзи тартиб додани калимаю ибора ва ҷумлаҳо.

**Дарси амалӣ .** Яке аз ҳарфҳои чоршакла маҳсуб ёфтани ҳарфи ҳе-и ҳавваз (ھ). Вазифаҳои ҳарфи ҳе-и ҳавваз (ھ). Тарзи навишти он дар аввал, мобайн ва охири калима. Роҳу усулҳои таълими ҳарфҳои ҷим (ج), че (چ), хе (خ) ва вови маъдула (و). Ифодаи садонокҳо дар хатти форсӣ – тоҷикӣ ва имлои онҳо (аз таҷриба). Навиштани калимаву ибора ва ҷумлаҳо доир ба омӯзиши ҳарфҳои ҳе-и ҳавваз (ھ), ҷим (ج), че (چ), хе (خ) ва вови маъдула (و).

**Мавзуи 11. Роҳҳои омӯхтани ҳарфҳои коф (ک), гоф (گ), фе (ف) ва қоф (ق).** Тартиб додани калимаю ибора ва ҷумлаҳо бо ин ҳарфҳо. Ҳамшаклии ҳарфҳои коф (ک) ва гоф (گ) ва овозҳои «к» ва «г»-ро ифода намудани онҳо. Роҳҳои омӯхтани ин ҳарфҳо:

– навишти ҳарфҳои коф (ک) ва гоф (گ) дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– ифодаи овозҳо;

– тарзи тартиб додани калимаю ибора ва ҷумлаҳо.

Тарзҳои омӯзиши ҳарфҳои фе (ف) ва қоф (ق). Душаклагӣ (шакли пурра ва нопурра) ва овозҳои «ф» ва «қ»-ро ифода намудани ҳарфҳои номбурда. Сохтани калима,

ибора ва ҷумлаҳо бо ин ҳуруф. Тарзҳои омӯзиши ҳарфҳои фе (ف) ва қоф (ق):
– навишти ҳарфҳои фе (ف) ва қоф (ق) дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– ифодаи овозҳо;

– сохтани калимаю ибора ва ҷумлаҳо.

**Дарси амалӣ .** Маълумоти умумӣ дар бораи ҳарфҳои муттасилаи коф (ک), гоф (گ), фе (ف) ва қоф (ق). Ҳамшаклии ҳарфҳои коф (ک), гоф (گ), фе (ف) ва қоф (ق). Душакла будани ҳарфҳои номбурда. Овозҳои гуногунро ифода намудани онҳо (аз таҷриба). Навиштани калимаву ибора ва ҷумлаҳо доир ба омӯзиши ҳарфҳои коф (ک), гоф (گ), фе (ف) ва қоф (ق). Баргардонидани ҷумлаҳо ба алифбои ниёгон.

**Мавзуи 12. Маълумоти умумӣ дар бораи ҳарфҳои хоси забони арабӣ.** Маълумоти умумӣ дар бораи ҳарфҳои хоси забони арабӣ (ث ‘ ح ‘ ذ ‘ص‘ض‘ ط‘ ظ ‘ع). Ҳарфҳои сод (ص) ва зод (ض). Хусусиятҳои хоси ҳарфҳои сод (ص) ва зод (ض). Фарқияти ин ҳарфҳо аз ҳарфҳои син (س) ва зе (ز).

– навишти ҳарфҳои номбурдаи хоси арабӣ дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– ифодаи овозҳо;

– сохтани калимаю ибора ва ҷумлаҳо.

Ҳарфҳои итқӣ (ط) ва изғӣ (ظ). Маълумоти умумӣ дар бораи ҳарфҳои итқӣ (ط) ва изғӣ (ظ). Роҳҳои омӯзиши онҳо. Фарқи ҳарфҳои номбурда аз ҳарфҳои те (ت), зе (ز) ва зод (ض):

– навишти ҳарфҳои итқӣ (ط) ва изғӣ (ظ) дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– ифодаи овозҳо;

– сохтани калимаю ибора ва ҷумлаҳо.

– такрор намудани фарқияти ҳарфҳои итқӣ (ط) ва изғӣ (ظ) аз ҳарфҳои те (ت), зе (ز) ва зод (ض).

**Дарси амалӣ.** Ҳарфҳои хоси арабӣ ва хусусиятҳои онҳо. Фарқиятҳои ҳарфҳои хоси арабӣ аз ҳарфҳои форсӣ (дар мисоли ҳарфҳои ҳарфҳои сод (ص) ва зод (ض) аз ҳарфҳои син (س) ва зе (ز). Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои итқӣ (ط) ва изғӣ (ظ) ва фарқи ҳарфҳои номбурда аз ҳарфҳои те (ت), зе (ز) ва зод (ض). Навиштани калимаву ибора ва ҷумлаҳо доир ба

омӯзиши ҳарфҳои хоси забони арабӣ (ع، ظ، ط، ض،ص، ذ، ح ، ث). Баргардонидани порчаҳои назмӣ ба алифбои ниёгон.

**Мавзуи 13. Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои айн (ع), ғайн (غ), ҳе-и ҳуттӣ (ح), се-и мусаллас (ث) ва зол (ذ).**

Ифодаи овозии ҳарфи айн (ع) ва ғайн (غ). Ҳарфҳои муттасилаи чоршакла будани ин ҳарфҳо. Роҳу усулҳои омӯзиши ҳарфҳои айн (ع) ва ғайн (غ):

– навиштани ҳарфҳои айн (ع) ва ғайн (غ) дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– ифодаи овозҳо;

– сохтани калимаю ибора ва ҷумлаҳо.

Вазифаи ҳарфи айн (ع): а) дар мобайн ва охири калима аломати сакта (ъ)-ро ифода мекунад; б) дар аввал ва мобайни калима овозҳои «а» ва «и»-ро мефаҳмонад; в) дар аввали баъзе калимаҳо овозҳои «у» ва «ӯ»-ро низ ифода мекунад; г) ҳарфи айн (ع) ҳамроҳи алиф (ا) дар ҳама ҳолат «о» (آ) хонда мешавад. Омӯзиши ҳарфҳои ҳе-и ҳуттӣ (ح), се-и мусаллас (ث) ва зол (ذ). Сабабҳои аз ҳамшаклҳои худ ҷудо омӯхтани ин ҳарфҳо. Тарз ва моҳияти омӯзиши ҳарфҳои ҳе-и ҳуттӣ (ح), се-и мусаллас (ث) ва зол (ذ):

– навишти ҳарфҳои ҳе-и ҳуттӣ (ح), се-и мусаллас (ث) ва зол (ذ) дар аввал, байн ва охири калимаҳо;

– ифодаи овозҳо;

– сохтани калимаю ибора ва ҷумлаҳо.

Сабабҳои аз ҳамшаклҳои худ ҷудо омӯхтани ин ҳарфҳо.

**Дарси амалӣ .** Шарҳи чаҳоршакла будани ҳарфҳои айн (ع) ва ғайн (غ). Тарзи навишт ва ифодаи овозии онҳо. Маълумот дар бораи ҳарфҳои ҳе-и ҳуттӣ (ح), се-и мусаллас (ث) ва зол (ذ) (аз таҷриба). Навиштани калимаву ибора ва ҷумлаҳо доир ба омӯзиши ҳарфҳои айн (ع), ғайн (غ), ҳе-и ҳуттӣ (ح), се-и мусаллас (ث) ва зол (ذ). Баргардонидани матнҳо ба алифбои ниёгон.

**Мавзуи 14. Омӯзиши аломатҳои ҳамза (ٔ), ташдид (ّ), танвин (ً) ва сокин (ْ ).**

**Усулҳои омӯзиши аломати ҳамза (ٔ).** Роҳу усулҳои омӯзиши аломати ҳамза. Вазифаҳои он. Роҳҳо ва мавридҳои истифодабарии аломати ҳамза. Сабабҳои мушкил будани

талаффузи аломати ҳамза барои форсизабонон. Фарқи аломати ҳамза аз айн.

**Омӯзиши аломатҳо. Ташдид (ّ ), танвин (ً) ва сокин (ْ ).** Маълумоти умумӣ дар бораи аломатҳо – ташдид, танвин ва сокин. Сабабҳои гузошта шудани аломатҳои номбурда. Дар вақти хондан ба инобат гирифтани аломатҳо. Ҳангоми навишт қайд кардани онҳо.

**Имлои пешванду пасвандҳо ва роҳҳои омӯзиши онҳо.** Имлои пешванду пасвандҳо. Фарқияти онҳо. Аз матнҳо ёфтан ва ишора намудани пешванду пасвандҳо. Роҳҳои омӯзиши пешванду пасвандҳо дар дарсҳо.

**Дарси амалӣ .** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон роҷеъ ба омӯзиши аломатҳои ҳамза (ٔ), ташдид (ّ ), танвин (ً) ва сокин (ْ ). Роҳу усулҳои таълими пешванд ва пасвандҳо дар дарсҳои «Алифбо ва матни ниёгон» (аз таҷриба).

## Мавзуи 15. Тарзҳои омӯзиши имлои бандакҳо. Таълими тарзи навишт ва хондани шумораҳо (ададҳо).

Маълумоти умумӣ дар бораи бандакҳо. Роҳу усул ва тарзҳои омӯзиши бандакҳо:

а) бандакҳои феълӣ;
б) бандакҳои хабарӣ;
в) бандакҷонишинҳо.

Дар матнҳо ишора кардани бандакҳо ва шарҳу маънидод намудани онҳо.

Маълумоти мухтасар дар бораи шумора (адад).

Қоидаҳои навишта шудани шумораҳо: 1. Аз чап ба рост навишта шудани онҳо. 2. Ҳангоми бо ҳарф навиштани шумораҳо онҳоро аз рост ба чап навиштан. 3. Бо илова шудани пасванди -ум (-юм) бо як ҳарфи «мим» навишта шудани шумораҳои тартибӣ. Хелҳои шумора, тарзи навишт ва имлои онҳо. Аз матнҳо ёфтани шумораҳо. Роҳу усулҳои омӯзиши шумораҳо.

– навишти шумораҳо дар аввал, байн ва охири калимаҳо;
– машқи навишти шумораҳои тартибӣ;
– сохтани калимаю ибора ва ҷумлаҳо бо истифодаи шумораҳо.

**Дарси амалӣ .** Маълумоти мухтасар дар бораи бандакҳо ва роҳу усули омӯзиши онҳо. Шумора ва қоидаҳои он. Хел, тарзи навишт ва имлои шумораҳо. Тарзҳои омӯзиши шумораҳо (аз таҷриба). Навиштани ҷумлаҳое, ки дар таркиби худ бандакҳои феълӣ, бандакҳои хабарӣ ва бандакҷонишинҳо доранд. Баргардонидани ҷумлаҳо аз алифбои ниёгон ба ҳарфҳои кириллӣ.

**Мавзуи 16. Роҳҳои омӯзиши Тақвимҳо: Ҳиҷрӣ, Шамсӣ, Қамарӣ, Яздигурдӣ ва Мелодӣ.**

Аҳамияти омӯхтани тақвимҳои ҳиҷрӣ, шамсӣ, қамарӣ, Яздигурдӣ, мелодӣ ва мавриди истифодаи онҳо. Тақвимҳо, солҳо ва моҳҳои онҳо. Соли шамсӣ ва номи моҳҳои он (ҳамал, савр, ҷавзо, саратон, асад, сунбула, мизон, ақраб, қавс, ҷаддӣ, далв ва ҳут). Соли Яздигурдӣ ва номи моҳҳои он (фарвардин, урдибиҳишт, хурдод, тир, мурдод, шаҳривар, меҳр, обон, озар, дай, баҳман ва исфанд) ва ҳоказо.

**Дарси амалӣ .**Таърих ва сабабҳои пайдоиши тақвимҳо. Фарқияти онҳо. Аҳамияти омӯхтани тақвимҳо ва мавриди истифодаи онҳо. Шарҳи тақвимҳои ҳиҷриву мелодӣ, шамсиву қамарӣ ва номи моҳҳои онҳо (аз таҷриба). Бо алифбои ниёгон навиштани тақвимҳо.

**Мавзуи 17. Усулҳои омӯзиши осори назмии адибони барҷастаи классикии форсу тоҷик. Маълумот дар бораи захираи дастнависҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.**

Беғалат ва равону ифоданок хондани ашъори адибони барҷастаи классикии форсу тоҷик (Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва ғ.) ва навиштани чанде аз онҳо. Аҳамияти омӯзиши осори илмӣ ва бадеии адибони классикии форсу тоҷик. Роҳу усулҳои омӯзиши осори назмӣ ва насрии адибони барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик (дар мисоли адибони номбурда) ва адибони муосири тоҷик (Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил,

Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Ҳабиб Юсуфӣ ва дигарон).

**Дарси амалӣ.** Шинос намудани шунавандагон бо осори хаттии захираи дастнависҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Қироати чанде аз осори хаттии захираи дастнависҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва рӯйнавис намудани баъзе маводи писандида.

**Мавзуи 18. Роҳу усули омӯзиши «Пос доштани Забони давлатӣ дар осори бузургони тоҷик»**.

Роҳҳои татбиқи хати ниёгон дар навиштаҷоти тоҷикӣ дар мавзуъҳои «9-уми сентябр – Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон».Забони давлатӣ ва мавқеи он дар осори бузургон.

**Дарси амалӣ.** Шунавандагон байтҳои шеъриро аз осори бузургон дар мавзуи забон таҳлил ва бо хати ниёгон менависанд. Баргардон намудани чанде аз калимаву ибора ва ҷумлаҳои бо забони тоҷикӣ навишташуда бо хати ниёгон. Ифоданок қироат намудани шеъру ҳикоятҳои бузургони тоҷик ва шарҳу маънидод намудани маънои онҳо. Навиштани луғатҳои шеърҳо бо ду хати тоҷикӣ ва форсӣ (ниёгон).

**I.Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ**

**Мавзуи 1. Роҳу усули омӯзиши фарқият ва ҳамсонии «Алифбо ва матни ниёгон» бо «Алифбои тоҷикӣ».**

Татбиқ ва муқоисаи “Алифбои ниёгон” бо “Алифбои тоҷикӣ”, таърих ва истифодабарии хати арабиасос, фарқият ва ҳамсонии ҳарфҳо аз назари шакл, талаффуз ва теъдоди ҳарфҳо.

Ба гурӯҳҳо ҷудо намудани мавзуи “Робитаи “Алифбои ниёгон” бо “Алифбои тоҷикӣ”, маънидод намудани тарзи гӯйиш ва лаҳҷаҳо дар байни ақвоми тоҷику форс дар шакли воситаҳои аёнӣ (тасвирӣ).

Шарҳу маънидод намудани нақши таълими“Алифбои ниёгон” дар шиносоии асарҳои шоирону нависандагон ва олимону бузургони тоҷику форс.

**Мавзуи 2: Хониши бадеӣ. Таҳлили матн, мазмун ва маънои он .**

Шунавандагон бо кӯмаки омӯзгор матнҳои дорои моҳияти тарбиявиро бо хатти ниёгон бурро хонда тавонанд, аз рӯйи мазмуни матн маънои калимаҳои навро пайдо карда тавонад, фикру андешаҳои худро доир ба мазмуни матн бо истифодаи луғатҳои ҳаммонанд гуфта ва навишта тавонанд. Дар ҷараёни дарсҳо матнҳо аз осори адибони классикӣ ва муосир пешниҳод мешаванд.

**Мавзуи 3: Ҷашнҳои миллӣ, таҳлили арҷгузории ҷашнҳои миллӣ дар даврони Истиқлолият, ташаккули салоҳиятҳои тарбиявӣ.**

Маълумот дар бораи ҷашнҳои миллӣ; Иди наврӯз. Ҷашни Сада. Саразми бостонӣ. Иди модарон. Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Рӯзи дониш, Рӯзи истиқлолият, рӯзи омузгорон, Рузи забон, Рӯзи конститутсияи Тоҷикистон.

Таҳлили матнҳо ва шеърҳо вобаста ба мавзуъҳои мазкур. Рушди салоҳиятҳои навиштан, хондан, луғатомӯзӣ ва баргардон кардани матн аз як алифбо ба алифбои дигар. Истифода аз матнҳои навишта шуда бо хатти ниёгон роҷеъ ба мавзуъҳои зикргардида

**Мавзуи 4: Проблемагузорӣ дар дарс. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим (УФТ) дар омӯзиши фан .**

Мафҳуми Problema (калимаи юнонӣ) ва маъноҳои он (1 – мушкилот; 2 – номувофиқатӣ байни он чи ки ҳаст ва чизе ки бояд шавад). Таърих ва фалсафаи омӯзиши проблемавӣ. (Овардани мисолҳо аз саргузашти сафири Юнони қадим – Исменийва хомӯшии Буддо ҳангоми ибодат ва шогирдонро дар ҳолати ногувор гузоштани ӯ). Гузориши проблема - инкишофдиҳандаи тафаккури фикрӣ, шавқи дарккунӣ ва эҷодкории мустақилонаи хонандагон. Вазъияти проблемавӣ ва ба миён овардани он дар дарс. Ҳанӯз ҳам ба саволи «Маънӣ ва таъиноти ҳаёти инсон дар чист?» ҷавоб ҷустани одамон. Дараҷаҳои проблеманокӣ.

Проблемаҳои илмӣ ва таълимӣ. Мундариҷаи таълим ва гузориши проблема. Ғояи асосии омӯзиши проблемавӣ.

Методҳои омӯзиши проблемавӣ ва моҳияти онҳо. Усулҳои фаъоли таълим ва зуҳуроти онҳо дар таълим. Муқоисаи усулҳои фаъоли таълим аз усулҳои анъанавӣ. Муайян кардани бартарӣ ва камбудиҳои усулҳои фаъол ва анъанавӣ тавассути аёниятҳо дар муносибатҳои фаъоли омӯзгор ва хонанда. Аҳамияти истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик. Кор бо усулҳои «Кластер», ҷадвали «Инсерт», «Диаграммаи Венн», диаграммаи «Чӣ тавр?», диаграммаи «Барои чӣ?», усули «Т-нақша» ва ҳоказо. Истифодаи бозиҳои шавқовар. Муаммоҳо, чистонҳо ва зарбулмасалҳо. Кор бо матнҳои китоби дарсӣ, ҳамчун шакли ҳавасмандкунӣ ба омӯзиш. Аҳамияти усулҳои фаъоли таълим дар донишандӯзии хонандагон. Сабабҳои ба миён омадани мафҳуми проблема ва проблемагузорӣ дар дарсҳо. Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба омӯзиши проблемавӣ.

**Дарси амалӣ.** Роҳҳои истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои «Алифбо ва матни ниёгон». Шарҳу маънидоди кор бо усулҳои фаъоли таълим. Аҳамияти бозиҳои шавқовар дар дарсҳо. Бартарӣ ва камбудиҳои усули фаъоли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва миёнаи умумии маҳал. Бо проблемагузорӣ шуруъ намудани ин ё он мавзуъҳои таълимӣ ва ҳалли онҳо бо истифодаи усулҳои фаъол (ҳамфаъол) (аз таҷриба).

## Мавзуи 5: Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ (базавӣ).

Истифодаи маҳорати эҷодии шунавандагон дар тадрис. Ташкил ва гузаронидани суҳбати пеш аз дарс. Баланд бардоштани маҳорати касбииии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумии ҷумҳурӣ тавассути корҳои амалӣ дар МТМУ-и ҷумҳурӣ. Иштирок кардан ба дарсҳои намунавии омӯзгорони таҷрибаи корӣ дошта. Аз худ намудани ҷиҳатҳои мусбати дарс барои рушди фаъолияти минбаъда. Дидани ороиши синфхона ва тарзи ҳуҷҷатнигорӣ дар кабинети таълимӣ. Шиносоӣ бо тарзи ҷо ба ҷогузории асбобҳои айёнӣ ва воситаҳои техникӣ дар муассиса. Амалӣ

шудани мавзуъҳо дар рафти дарс тибқи нақша ва барномаи таълимӣ .

**Дарси амалӣ**. Шунидани фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон баъди иштирок ба дарс доир ба мушоҳидаи дарс. Таклиф ва пешниҳодҳо.Ҷамъбаст ва хулосабарорӣ.

**Мавзуи 6: Роҳу усули омӯзиши пешгирии ифротгарой (Экстремизм) дар ҷомеа.**

Ифротгарой, (Экстремизм)- падидаи глобализатсияи сиёсӣ. Гаравидани бисёре аз ҷавонон дар оилаҳо ба ҳаракатҳои дорои хусусияти экстремистӣ. Гароиш ба ифротгарой ҳамчун ноамн кардани ҷаҳон. Даҳшату бесуботиро ба вуҷуд овардани ин амали ғайриинсонӣ. Ба ягон дину мазҳаб алоқаманд набудани амали ифротгарой. Намудҳои ифротгарой: сиёсӣ (давлатӣ ва идеологӣ) ва идеологӣ (динӣ, миллӣ-этникӣ).

Суханони ибратомӯзи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси аъмолҳои зишти ифротгарой ва террористӣ. Таҳдиди аъмоли зишти ифротгарой ба истиқлолияти давлатӣ.

**Мавзуи 7: Методикаи омӯзиши мавзуи “Тарбияи насли наврас ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ”, муҳаббати Ватан ҳамчун меросӣ барҷоймлндаи бузургони тоҷик.**

Масъалаи муҳаббати Ватан дар осори адибон. Суханони ибратомӯзи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аҳамияти ватандӯстию меҳанпарстӣ. Рисолати асили омӯзгори муосир дар тарғиби арзишҳои миллӣ.

**Дарси амалӣ.** Шунавандагон дар мавзуи Ватан ва тарғиби арзишҳои миллӣ эссе менависанд.

**Мавзуи 8: Тафаккури интиқодӣ дар раванди дарси алифбо ва матни ниёгон .**

Маълумот дар бораи мафҳуми интиқод ва тафаккури интиқодӣ. Дар амал татбиқ намудани тафаккури интиқодӣ

ва ҳаллу фасл намудани масъалаҳои таълимӣ. Санъати муҳокимаронӣ. Тафаккури интиқодӣ ва озодандешӣ. Пешниҳоди андешаҳои нав ва рад намудани андешаҳо бо далелҳо.

**Дарси амалӣ.** Таҳлили байтҳои шеърҳои классикӣ ва асоснок намудани андешаҳои шахсии худ.

**Мавзуи 9: Таълими омехта ва моҳияти он.** Маълумот доир ба мафҳуми таълими омехта. Таълими омехта асоси рушди малакаҳо. Бартариҳои истифодаи таълими омехта дар раванди дарс. Истифодаи таълими омехта асоси рушди истифодабарии интернет ё худ усулҳои истифодаи технологияи навини таълим.

**Дарси амалӣ.** Шиносоии омӯзгорон бо мафҳуми таълими омехта ва баён намудани андешаҳо аз таҷриба. Таҳияи дарси яксоата бо истифода аз интернет Кор карда тавонистан бо барномаҳои Word, Excel "Zoom" ва "Google meet". Баргардонидани матнҳо аз хатти кирилӣ ба форсӣ дар программаи Gmail.com.

## РЎЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Байзоев А., Кабиров Ш. Алифбо ва матни ниёгон. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 7-ум. – Душанбе: Маориф, 2018.-208 саҳ.
2. Байзоев А., Кабиров Ш., С.Амонӣ.,Ҷ.Абдулҳадов. Алифбо ва матни ниёгон. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 8-ум. – Душанбе: Маориф, 2019.- 175 саҳ.
3. Барномаи таълими фанни алифбо ва матни ниёгон барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.Душанбе,2019- 56 саҳ.
4. Қосимова М.Н. Хат ва имлои матни классикии тоҷик. – Душанбе, 1989. - 170 саҳ
5. Муҳаммад Ансор. Алифбои ниёгон. Китоби дарсӣ барои синфи 7. – Душанбе, 2004.
6. Программаи забони форсӣ барои муассисаҳои миёна (синфҳои V- XI). – Душанбе, 1987.
7. Сулаймонӣ У. Алифбои забони форсӣ (тоҷикӣ).–Душанбе, 1990.
8. Стандарти фанни “Алифбо ва матни ниёгон” барои синфи 7.-Душанбе, 2018.-88 саҳ.
9. Стандарти фанни “Алифбо ва матни ниёгон” барои синфи 8.-Душанбе, 2019.-89 саҳ.
10. Сарчашмаҳои интернетӣ.